# ТАҚРИЗ

ба фишурдаи рисолаи Бозорзода Нуриддин Шодипур “”Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (Масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия) - барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10-Рӯзноманигорӣ

Мавзӯи сафарнома яке аз жанрҳои бостонӣ дар таърихи башар ба шумор меояд. Ин жанр дар ҷаҳони муосир ҳамаи соҳаҳои фарҳанги миллӣ ва байналмилалиро фаро гирифтааст. Зеро тараққиёти босуръати илму техника, эҳтиёҷоти рӯзафзуни мардум ба иттилооти навин водор месозад, ки паҳлуҳои норавшани публитсистика таҳқиқ шавад.

Аз ин рӯ, мавзӯи интихобкардаи Бозорзода Нуриддин Шодипур “Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика” ба сифати рисолаи докторӣ яке аз масъалаҳои муҳиму мубрами вақт маҳсуб мешавад. Бесабаб нест, ки муаллифи рисола барои расидан ба ин ҳадаф лозим донистааст, ки масъалаҳои зеринро мавриди ҳаллу фасл қарор диҳад:

-баррасии андешаҳои муҳаққиқон доир ба сафарнома;

-мушаххас сохтани хусусиятҳои жанрии сафарнома;

-муайян кардани нақши муаллиф дар сафарнома;

-нишон додани тафовут ва умумияти сафарнома бо жанрҳои дигари публитсистика;

-мушаххас сохтани навъҳои сафарнома;

-муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва сарчашмаҳои сафарнома;

-баррасии анъанаи сафарноманависӣ дар адабиёт ва публитсистикаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX;

-таҳлили таносубии инъикоси воқеияти замон дар сафарномаҳои матбуотӣ;

-муайян намудани таносуби мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар сафарномаҳо;

-нишон додани заминаҳои иҷтимоиву касбии таҳаввули сафарнома;

-таҳлили хусусиятҳои мундариҷавии сафарномаҳои матбуотӣ;

-муайян намудани маҳорати нигоранда ва сабку услуби сафарномаҳо ва ғайра (саҳ. 8-9).

Ин ҳама масъалаҳоро Н.Ш.Бозорзода дар диссертатсияаш мавриди баррасӣ қарор додааст, ки аз қисматҳои зерин иборат аст: муқаддима, панҷ боб, 12 фасл, хулоса, феҳристи сарчашмаҳо, адабиёт ва дар маҷмӯъ, аз 309 саҳифаи компютерӣ (саҳ.12).

Тавре ки аз фишурдаи рисола бармеояд, дар муқаддима докторант баъд аз мушаххас сохтани ҳадафу мақсади таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва равишу методҳои таҳқиқ, ба таври мухтасар доир ба пажӯҳишҳои анҷомшудае доир ба мавзӯи таҳқиқ дар рӯзноманигории ҷаҳонӣ ва ватанӣ, маълумот додааст.

Аз рӯйхати сарчашмаҳои реферат чунин бармеояд, ки докторант дар таҳқиқи ин мавзӯъ таҷрибаи тӯлонӣ доштааст. Ин таҷриба барои беҳбудии сифати рисола кумаки шоёне намудааст.

Аз назари мо, муҳимтарин бобҳои рисола, ки дар онҳо масъалаҳои умдаи мавзӯи таҳқиқ ҳаллу фасли илмии хешро ёфтаанд, бобҳои якум (12-25), дуюм (25-27) ва сеюм (27-32) мебошанд. Зеро маҳз дар ин бобҳо муаллиф тавонистааст, ки бетарафии илмиро риоя намуда, масъалаҳои мавриди баҳсро дар асоси сарчашмаҳои фаровони ватаниву хориҷӣ ҳаллу фасл намояд.

Муҳаққиқ Н.Ш.Бозорзода бо далоили фаровон собит сохтааст, ки "дар замони истиқлол жанрҳои журналистика, аз ҷумла сафарнома, боз ҳам рушду нумуъ ёфтаанд. Аз ин назар сафарнома ва таҳқиқи он ба таври нав ва густурдатар дар асоси талаботи назарияи жанрҳои журналистика ва таҳаввулоти кунунии онҳо сурат мегирад" (саҳ.10).

Аз ин рӯ, хулосаи рисола, ки натиҷаи ҷустуҷӯҳои чандинсолаи докторант аст, хеле равшану возеҳ ва мушаххас нишон дода шудааст. Рисолаи мазкур, бешубҳа, яке аз дастовардҳои тоза дар соҳаи публитсистикаи тоҷик ба шумор меравад.

Дар баробари дастовархо, дар фишурдаи рисола чо-чо иштибохоти чузъии техникӣ ба чашм мехӯрад. Инчунин мухтавои фасли дуюми боби дуюм "Анъанаи сафарноманависӣ дар адабиёт ва публитсистикаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX" (сах.27) нисбатан мухтасар баён карда шудааст.

Нуктаи дигаре, ки дар реферати докторант дучор намеоем, ин аст, ки аз сарчашмахои хамзабонон--Афғонистон ва Эрон нуктае ба чашм намехӯрад. Хол он ки ин ду кишвар пеш аз мо дар масъалаи таҳқиқи сафарномахо маводи фаровоне ба нашр расонидаанд. Барои мисол, муҳаққиқи маъруфи муосири Эрон, оғои Ғуломризои Инсофпур китобе дар 400 сахифа бо номи "Эрон ва эронӣ" (ба таҳқиқ дар сад сафарномаи хоричӣ) дорад, ки соли 1978 дар Теҳрон мунташир шуда, муаллиф дар он 100 сафарномаи шахсиятхои урупоиро, ки аз Эрон дидан кардаанд, мавриди таҳлил қарор додааст.

Сарфи назар аз ин, фишурдаи рисолаи доктории Бозорзода Нуриддин Шодипур бо номи "Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика" баёнгари он аст, ки рисолаи мазкур як таҳқиқоти анҷомшуда буда, пурра ба меъёрхои талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10-рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа,
Сарходими Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Беков Комилҷон

Имзои Беков Комилҷонро тасдиқ мекунам.
Нозири калони кадри Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Одинаев А.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО